| | |
|---|---|
| **УТВЕРЖДЕНО**<br>Приказом Председателя ОАО «Алиф Бонк»<br>от «18» февраля 2026 г. № 32П-26 | **ТАСДИҚ ШУДААСТ**<br>Бо фармоиши Раиси ҶСК «Алиф Бонк»<br>аз «18» феврали соли 2026 № 32П-26 |
| **ПРАВИЛА** | **ҚОИДАҲОИ** |
| **проведения акции** | **гузаронидани иқдоми** |
| **«Кешбэк за платежи через Google Pay картой Mastercard и путевка на финал Лиги Чемпионов УЕФА»** | **«Кешбэк барои пардохтҳо тавассути Google Pay бо корти Mastercard ва роҳхат ба финали Лигаи Қаҳрамонҳои УЕФА»** |
| **1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ** | **1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ** |
| 1.1. Настоящие Правила (далее - «Правила») определяют порядок и условия проведения акции **«Кешбэк за платежи через Google Pay картой Mastercard и путевка на финал Лиги Чемпионов УЕФА»** (далее - «Акция»). | 1.1. Қоидаҳои мазкур (минбаъд - «Қоидаҳо») тартиб ва шартҳои гузаронидани иқдоми **«Кешбэк барои пардохтҳо тавассути Google Pay бо корти Mastercard ва роҳхат ба финали Лигаи Қаҳрамонҳои УЕФА»**-ро (минбаъд - «Иқдом») муайян менамоянд. |
| 1.2. Организатором Акции является ОАО «Алиф Банк» (далее - «Банк» / «Организатор»), зарегистрированное и действующее в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, имеющее лицензию Национального банка Таджикистана. | 1.2. Ташкилотчии Иқдом ҶСК «Алиф Бонк» (минбаъд - «Бонк» / «Ташкилотчӣ») мебошад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро дорад. |
| 1.3. Акция проводится в целях развития безналичных расчётов, увеличения количества операций посредством платёжных карт, повышения доверия к электронным платёжным средствам и наращивания числа активных платёжных карт Mastercard. | 1.3. Иқдом бо мақсади рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, зиёд кардани шумораи амалиётҳо тавассути кортҳои пардохтӣ, баланд бардоштани боварӣ ба воситаҳои электронии пардохтӣ ва афзун намудани шумораи кортҳои фаъоли Mastercard гузаронида мешавад. |
| 1.4. Срок проведения Акции: с **19 февраля 2026 года** по **15 апреля 2026 года** включительно (далее - «Период Акции»). | 1.4. Мухлати гузаронидани Иқдом: аз **19 феврали соли 2026** то худи **15 апрели соли 2026** (минбаъд - «Давраи Иқдом»). |
| 1.5. Территория проведения Акции: весь мир (применяется к операциям в торговых точках по карте Mastercard, токенизированной в Google Pay). | 1.5. Ҳудуди гузаронидани Иқдом: тамоми ҷаҳон (нисбати амалиётҳо дар нуқтаҳои савдо бо корти Mastercard, ки дар Google Pay токенизатсия шудааст, татбиқ мегардад). |
| 1.6. В рамках Акции предусмотрены **два вида поощрений:**<br>а) кешбэк - автоматическое вознаграждение за платёжные операции (раздел 4);<br>б) **суперприз** - поездка на мероприятие для одного Победителя Акции (раздел 5). | 1.6. Дар доираи Иқдом **ду намуди ҳавасмандкунӣ пешбинӣ шудааст:**<br>а) кешбэк - мукофоти автоматикӣ барои амалиётҳои пардохтӣ (боби 4);<br>б) **суперҷоиза** - сафар ба чорабинӣ барои як Ғолиби Иқдом (боби 5). |
| **2. УЧАСТНИКИ АКЦИИ** | **2. ИШТИРОКЧИЁНИ ИҚДОМ** |
| 2.1. Участником Акции (далее - «Участник») может стать любое физическое лицо - клиент Банка, одновременно отвечающее следующим требованиям: | 2.1. Иштирокчии Иқдом (минбаъд - «Иштирокчӣ») ҳар як шахси воқеӣ - муштарии Бонк шуда метавонад, ки ҳамзамон ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад: |

| | |
|---|---|
| 2.1.1. является держателем действующей карты Mastercard, эмитированной Банком;<br>2.1.2. имеет токенизированную карту в Google Pay;<br>2.1.3. совершает платёжные операции в торговых точках через Google Pay в течение Периода Акции. | 2.1.1. дорандаи корти амалкунандаи Mastercard, ки аз ҷониби Бонк бароварда шудааст, бошад;<br>2.1.2. корти токенизатсияшударо дар Google Pay дошта бошад;<br>2.1.3. дар давоми Давраи Иқдом амалиётҳои пардохтиро тавассути Google Pay анҷом медиҳад. |
| 2.2. Участие бесплатное и добровольное. Совершение платёжной операции считается согласием с условиями Акции. | 2.2. Иштирок ройгон ва ихтиёрӣ мебошад. Анҷом додани амалиёти пардохтӣ ҳамчун розигӣ бо шартҳои Иқдом ҳисобида мешавад. |
| 2.3. Один клиент может участвовать с несколькими картами; лимиты кешбэка рассчитываются суммарно. | 2.3. Як муштарӣ метавонад бо якчанд корт иштирок кунад; лимитҳои кешбэк ҷамъулҷамъ ҳисоб карда мешаванд. |
| **3. УСЛОВИЯ НАЧИСЛЕНИЯ КЕШБЭКА** | **3. ШАРТҲОИ ҲИСОБ КАРДАНИ КЕШБЭК** |
| 3.1. **Основное условие:** кешбэк предоставляется при платеже в торговой точке через токенизированную карту Mastercard в Google Pay. | 3.1. **Шарти асосӣ:** кешбэк ҳангоми анҷом додани пардохт дар нуқтаҳои савдо тавассути корти токенизатсияшудаи Mastercard дар Google Pay пешниҳод мегардад. |
| 3.2. **Учитываемые операции:** платежи в торговых точках (POS-терминалы) через Google Pay по всему миру. | 3.2. **Амалиётҳои ҳисобшаванда:** пардохтҳо дар нуқтаҳои савдо (POS-терминалҳо) тавассути Google Pay дар тамоми ҷаҳон. |
| 3.3. **Операции, неучитываемые:**<br>а) переводы (P2P);<br>б) интернет-платежи (CNP, e-commerce);<br>в) QR-платежи;<br>г) снятие наличных;<br>д) платежи в приложении Alif;<br>е) возвраты (reversal/refund);<br>ж) иные операции, не являющиеся платежами в торговых точках через Google Pay. | 3.3. **Амалиётҳои ҳисобнашаванда:**<br>а) интиқолҳо (P2P);<br>б) пардохтҳои интернетӣ (CNP, e-commerce);<br>в) QR-пардохтҳо;<br>г) гирифтани пули нақд;<br>д) пардохтҳо дар барномаи Alif;<br>е) баргардонӣ (reversal/refund);<br>ж) дигар амалиётҳое, ки пардохт дар нуқтаҳои савдо тавассути Google Pay намебошанд. |
| **4. РАЗМЕР И ЛИМИТЫ КЕШБЭКА** | **4. ҲАҶМ ВА МАҲДУДИЯТҲОИ КЕШБЭК** |
| 4.1. Размеры и ограничения кешбэка: | 4.1. Ҳаҷм ва маҳдудиятҳои кешбэк: |

| № | Параметр | Значение |
|---|---|---|
| 1 | Мин. сумма одного платежа | свыше 10 сомони |
| 2 | Макс. кешбэк за один платёж | не более 100 сомони |
| 3 | Макс. кешбэк за месяц | не более 500 сомони |
| 4 | Макс. кешбэк на клиента за Период | не более 1 000 сомони |

| № | Нишондод | Арзиш |
|---|---|---|
| 1 | Ҳадди ақали маблағи як пардохт | зиёда аз 10 сомонӣ |
| 2 | Ҳадди аксари кешбэк барои як пардохт | на зиёда аз 100 сомонӣ |
| 3 | Ҳадди аксари кешбэк дар як моҳ | на зиёда аз 500 сомонӣ |
| 4 | Ҳадди аксари кешбэк ба муштарӣ дар Давра | на зиёда аз 1 000 сомонӣ |

| | |
|---|---|
| 4.2. Ставка кешбэка: 10 % от суммы операции, но не более 100 сомони за операцию. | 4.2. Меъёри кешбэк: 10 % аз маблағи амалиёт, вале на зиёда аз 100 сомонӣ. |

| | |
|---|---|
| 4.3. При достижении месячного лимита (500 сомони) начисление приостанавливается до следующего месяца. | 4.3. Ҳангоми расидан ба лимити моҳона (500 сомонӣ) ҳисобкунӣ то моҳи навбатӣ боздошта мешавад. |
| 4.4. При достижении совокупного лимита (1 000 сомони) начисление прекращается. | 4.4. Ҳангоми расидан ба лимити ҷамъулҷамъ (1000 сомонӣ) ҳисобкунӣ қатъ мегардад. |
| 4.5. Кешбэк рассчитывается в сомони. Операции в иностранной валюте - по курсу Банка. | 4.5. Кешбэк бо сомонӣ ҳисоб карда мешавад. Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ - аз рӯи қурби Бонк. |
| **5. СУПЕРПРИЗ - ПОЕЗДКА НА МЕРОПРИЯТИЕ** | **5. СУПЕРҶОИЗА - САФАР БА ЧОРАБИНӢ** |
| 5.1. **Описание суперприза.** По итогам Периода Акции определяется один Победитель, который получает суперприз - поездку на мероприятие (далее - «Мероприятие»), определяемое Банком. Суперприз включает:<br>а) **два (2) билета** на Мероприятие, предоставленных Банком;<br>б) оплату проживания для двух лиц на период Мероприятия.<br>Иные условия устанавливаются в приложении № 1 к Правилам. | 5.1. **Тавсифи суперҷоиза.** Мувофиқи натиҷаҳои Давраи Иқдом як Ғолиб муайян карда мешавад, ки соҳиби суперҷоиза - сафар ба чорабинӣ (минбаъд - «Чорабинӣ»), ки аз ҷониби Бонк муайян мегардад, мегардад. Суперҷоиза дар бар мегирад:<br>а) **ду (2) чипта** ба Чорабинӣ, ки аз ҷониби Бонк пешниҳод мешавад;<br>б) пардохти иқомат барои ду шахс дар давраи Чорабинӣ.<br>Шартҳои дигар дар замимаи № 1 ба Қоидаҳо муқаррар карда мешаванд. |
| 5.2. **Порядок определения Победителя.** В целях определения Победителя проводится выборка в автоматизированной системе Организатора, ранжирующая Участников по размеру платежей, проведённых в торговых предприятиях с помощью POS-терминалов, отвечающих критериям Акции (раздел 3) и осуществлённых в период с **00:00:00 часов « 19 » февраля 2026 года** по **23:59:59 часов « 15 » апреля 2026 года**. | 5.2. **Тартиби муайянкунии Ғолиб.** Бо мақсади муайян кардани Ғолиб дар системаи автоматикунонидашудаи Ташкилотчӣ истихроҷе гузаронида мешавад, ки Иштирокчиёнро аз рӯи миқдори пардохтҳо дар корхонаҳои савдо тавассути POS-терминалҳо, ки ба критерияҳои Иқдом (боби 3) мувофиқат мекунанд ва дар давра аз **соати 00:00:00-и « 19 » феврали соли 2026** то **соати 23:59:59-и « 15 » апрели соли 2026** анҷом дода шудаанд, раддабандӣ мекунад. |
| 5.3. Обладатель суперприза определяется не позднее **« 17 » апреля 2026 года**. Победителем признаётся Участник, осуществивший оплаты в наибольшем количестве торговых предприятиях. При равенстве сумм – Участник набравший наибольшую совокупную сумму учитываемых операций. При полном совпадении - по решению Комиссии (раздел 6). | 5.3. Соҳиби суперҷоиза на дертар аз **« 17 » апрели соли 2026** муайян карда мешавад. Ғолиб Иштирокчие эътироф мешавад, ки дар корхонаҳои савдои аз ҳама зиёд пардохт намудааст. Дар сурати баробарии маблағҳо - Иштирокчӣ бо маблағи ҷамъулҷамъ бештари амалиётҳои ҳисобшавандаро ба даст овардааст.. Дар сурати мутобиқати пурра - бо қарори Комиссия (боби 6). |
| 5.4. **Уведомление Победителя.** Банк уведомляет Победителя в течение 1 (одного) рабочего дня после подведения итогов посредством телефонного звонка, SMS или push-уведомления в приложении Alif Победитель обязан подтвердить принятие суперприза в течение 1 (одного) рабочего дня. | 5.4. **Огоҳ кардани Ғолиб.** Бонк Ғолибро дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ пас аз ҷамъбасти натиҷаҳо тавассути занги телефонӣ, SMS ё push-огоҳӣ дар барномаи Alif хабардор мекунад. Ғолиб бояд дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ қабулро тасдиқ намояд. |

| | |
|---|---|
| 5.5. **Сопровождающее лицо.** Победитель вправе указать одно сопровождающее лицо (далее - «Спутник»). Требования:<br>5.5.1. Спутник должен быть **старше 18 (восемнадцати) лет** на дату начала Мероприятия (верификация по паспорту/ID);<br>5.5.2. не обязан являться клиентом Банка или Участником Акции. | 5.5. **Шахси ҳамроҳ.** Ғолиб ҳуқуқ дорад як шахси ҳамроҳро (минбаъд - «Ҳамроҳ») нишон диҳад. Талаботҳо:<br>5.5.1. Ҳамроҳ бояд дар санаи оғози Чорабинӣ **ба синни аз 18 (ҳаждаҳ) сол боло расида бошад** (тасдиқ аз рӯйи шиноснома/ID);<br>5.5.2. уҳдадор нест, ки муштарии Бонк ё Иштирокчӣ бошад. |
| 5.6. **Несоответствие Спутника.** Если Спутник не отвечает требованиям п. 5.5, Победитель обязан указать другое лицо в течение 3 (трёх) рабочих дней. Замена производится не более одного раза. | 5.6. **Номувофиқатии Ҳамроҳ.** Агар Ҳамроҳ ба талаботҳои б. 5.5 мувофиқат накунад, Ғолиб бояд дар 3 (се) рӯзи корӣ шахси дигарро нишон диҳад. Ивазкунӣ на зиёда аз як маротиба анҷом дода мешавад. |
| 5.7. **Дублёр.** Дублёром признаётся Участник, занявший второе место по критериям п. 5.3. Суперприз передаётся Банком Дублёру в следующих случаях:<br>а) ответственный работник Организатора в установленный срок **не дозвонился до Победителя** либо Победитель был недоступен по предоставленным контактным данным;<br>б) Победитель, уведомлённый ответственным работником, в установленный срок **не явился в офис Организатора** для оформления получения суперприза;<br>в) Победитель **отказался от получения суперприза**;<br>г) Победитель **не подписал заявление-согласие** на раскрытие банковской тайны, персональных данных и размещение информации в средствах массовой информации. | 5.7. **Дублёр.** Дублёр Иштирокчие эътироф мешавад, ки аз рӯи критерияҳои б. 5.3 ҷойи дуюмро гирифтааст. Суперҷоиза аз ҷониби Бонк ба Дублёр дар ҳолатҳои зерин супорида мешавад:<br>а) корманди масъули Ташкилотчӣ дар муҳлати муқарраршуда **ба Ғолиб занг зада натавонист** ё Ғолиб тавассути маълумоти тамосии пешкашшуда дастрас набуд;<br>б) Ғолибе, ки аз ҷониби корманди масъул огоҳ шудааст, барои ба расмият даровардани гирифтани суперҷоиза дар муҳлати муқарраршуда **ба идораи Ташкилотчӣ ҳозир нашуд**;<br>в) Ғолиб **аз гирифтани суперҷоиза даст кашид**;<br>г) Ғолиб оид ба ошкор кардани сирри бонкӣ, маълумоти шахсӣ ва ҷойгиркунии маълумот дар воситаҳои ахбори омма **аризаи розигиро имзо накард**. |
| 5.8. **Порядок передачи суперприза Дублёру.** При наступлении оснований п. 5.7 Банк в течение 5 (пяти) рабочих дней уведомляет Дублёра в порядке п. 5.4. К Дублёру и его Спутнику применяются все требования настоящего раздела. Если Дублёр также не принял суперприз по основаниям п. 5.7, суперприз считается невостребованным и остаётся в распоряжении Банка. | 5.8. **Тартиби супоридани суперҷоиза ба Дублёр.** Ҳангоми ба миён омадани асосҳои б. 5.7, Бонк дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ Дублёрро бо тартиби б. 5.4 огоҳ мекунад. Ба Дублёр ва Ҳамроҳаш ҳамаи талаботҳои боби мазкур татбиқ мешаванд. Агар Дублёр ҷоизаро бо асосҳои б. 5.7 низ қабул накунад, суперҷоиза талабнашуда маҳсуб ёфта дар ихтиёри Бонк боқӣ мемонад. |
| 5.9. **Условия использования суперприза:**<br>5.9.1. суперприз персональный, не подлежит передаче, обмену на деньги;<br>5.9.2. для получения Победитель (Дублёр) обязан явиться в офис Банка и подписать заявление-согласие на раскрытие банковской тайны, персональных данных и размещение информации в СМИ; | 5.9. **Шартҳои истифодаи суперҷоиза:**<br>5.9.1. суперҷоиза шахсӣ буда набояд ба дигар шахс дода ва ба маблағи пулӣ иваз карда шавад;<br>5.9.2. барои қабул кардан Ғолиб (Дублёр) вазифадор аст, ки ба идораи Бонк ҳозир шавад ва аризаи розигиро барои ошкор кардани сирри бонкӣ, маълумоти шахсӣ ва ҷойгиркунии маълумот дар ВАО имзо кунад; |

| | |
|---|---|
| 5.9.3. Мероприятие, даты и место проведения определяются Банком;<br>5.9.4. Банк не оплачивает билеты, проезд и получение визы и иные расходы Победителя (Дублёра) и Спутника;<br>5.9.5. Банк не отвечает за отмену/перенос Мероприятия по независящим причинам; предпринимает разумные усилия по альтернативному призу. | 5.9.3. Чорабинӣ, санаҳо ва маҳали баргузорӣ ҷой аз ҷониби Бонк муайян мешаванд;<br>5.9.4**.** Бонк чиптаҳо, харочоти роҳ, гирифтани раводид ва дигар хароҷотҳои Ғолиб (Дублёр) ва Ҳамроҳро пардохт наменамояд**;**<br>5.9.5. Бонк барои бекор кардан/мавқуф гузоштани Чорабинӣ бо сабабҳои новобаста масъулият надорад; барои ҷоизаи алтернативӣ кӯшишҳои оқилона ба харҷ медиҳад. |
| 5.10. **Налогообложение.** Обязанность по уплате налогов возлагается на Победителя (Дублёра) в соответствии с налоговым законодательством РТ. | 5.10. **Андозбандӣ.** Уҳдадории пардохти андоз мувофиқи қонунгузории андози ҶТ ба зиммаи Ғолиб (Дублёр) гузошта мешавад. |
| **6. КОМИССИЯ ПО СОБЛЮДЕНИЮ ПРАВИЛ АКЦИИ** | **6. КОМИССИЯ ОИД БА РИОЯИ ҚОИДАҲОИ ИҚДОМ** |
| 6.1. При подведении итогов Акции и определении Победителя суперприза присутствует **специальная комиссия** (далее - «Комиссия»), состоящая из нескольких человек, назначаемых приказом Организатора и уполномоченных следить за соблюдением Правил проведения Акции. | 6.1. Ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои Иқдом ва муайян кардани Ғолиби суперҷоиза **комиссияи махсус** (минбаъд - «Комиссия») ҳузур дорад, ки аз чанд нафаре иборат мебошад, ки бо фармони Ташкилотчӣ таъин гардида, барои назорат аз болои риояи Қоидаҳои гузаронидани Иқдом ваколат доранд. |
| 6.2. Состав Комиссии утверждается Организатором отдельным приказом. В состав Комиссии могут быть включены как работники Организатора, так и третьи лица. Один член Комиссии может быть включён в состав неоднократно. | 6.2. Ҳайати Комиссия аз ҷониби Ташкилотчӣ бо фармоиши алоҳида тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати Комиссия ҳам кормандони Ташкилотчӣ ва ҳам шахсони сеюм дохил шуда метавонанд. Як узви Комиссия метавонад борҳо ба ҳайат дохил карда шавад. |
| 6.3. **Протокол.** Каждый член Комиссии подписывает протокол, в котором указываются следующие сведения в отношении Победителя:<br>а) филиал, в котором была оформлена Карта;<br>б) ФИО клиента;<br>в) ИНН клиента. | 6.3. **Протокол.** Ҳар як узви Комиссия протоколро имзо мекунад, ки дар он маълумоти зерин дар бораи Ғолиб зикр мешавад:<br>а) филиале, ки дар он Корт расмӣ карда шудааст;<br>б) номи пурраи муштарӣ;<br>в) РМА-и муштарӣ. |
| 6.4. Протокол, подписанный всеми членами Комиссии, включая секретаря Комиссии, передаётся Комиссией в день его подписания руководителю, непосредственно отвечающему за проведение Акции, под роспись. | 6.4. Протоколе, ки аз ҷониби ҳамаи аъзои Комиссия, аз ҷумла котиби Комиссия имзо шудааст, аз тарафи Комиссия дар рӯзи имзо гардидани он ба роҳбаре, ки бевосита барои гузаронидани Иқдом масъул аст, бо гирифтани имзо супорида мешавад. |
| **7. ПОРЯДОК НАЧИСЛЕНИЯ И ВЫПЛАТЫ КЕШБЭКА** | **7. ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ ВА ПАРДОХТИ КЕШБЭК** |
| 7.1. Кешбэк начисляется автоматически на карточный счёт, привязанный к карте операции. | 7.1. Кешбэк ба таври автоматикӣ ба суратҳисоби кортие ворид карда мешавад, ки ба корти амалиёт вобаста шудааст. |
| 7.2. Срок начисления: 1 рабочий день с момента обработки. | 7.2. Мӯҳлати ҳисобкунӣ: 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи коркард. |

| | |
|---|---|
| 7.3. Начисляется после клиринга. При отмене/возврате - списывается. | 7.3. Пас аз клиринг ворид карда мешавад. Ҳангоми бекор/баргардонӣ – бозпас гирифта мешавад. |
| 7.4. Участник вправе использовать кешбэк без ограничений. | 7.4. Иштирокчӣ ҳуқуқ дорад кешбэкро бидуни маҳдудият истифода мебарад. |
| **8. ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТОРОН** | **8. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО** |
| 8.1. **Банк вправе:**<br>8.1.1. в одностороннем порядке изменять условия, уведомив за 3 рабочих дня;<br>8.1.2. досрочно прекратить Акцию с уведомлением за 3 рабочих дня;<br>8.1.3. отказать в кешбэке или списать его при мошеннических действиях;<br>8.1.4. приостановить участие при подозрениях в злоупотреблении;<br>8.1.5. отказать в суперпризе при выявлении недобросовестных действий. | 8.1. **Бонк ҳуқуқ дорад:**<br>8.1.1. 3 рӯзи корӣ пеш огоҳ карда, шартҳоро яктарафа тағйир диҳад;<br>8.1.2. 3 рӯзи корӣ пеш огоҳ карда, Иқдомро қатъ намояд;<br>8.1.3. ҳангоми ҳаракати қаллобӣ аз додани кешбэк даст кашад ё онро бозпас гардонад;<br>8.1.4. ҳангоми шубҳаи суиистифода иштирокро боздорад;<br>8.1.5. ҳангоми амалҳои беинсофона аз додани суперҷоиза даст кашад. |
| 8.2. **Банк обязан:**<br>8.2.1. обеспечить своевременное начисление кешбэка;<br>8.2.2. информировать клиентов об условиях Акции;<br>8.2.3. обеспечить объективное определение Победителя и работу Комиссии;<br>8.2.4. обеспечить обработку персональных данных в соответствии с законодательством РТ. | 8.2. **Бонк уҳдадор аст:**<br>8.2.1. ҳисобкунии саривақтии кешбэкро таъмин намояд;<br>8.2.2. муштариёнро оид ба шартҳои Иқдом хабардор намояд;<br>8.2.3. муайянкунии объективии Ғолиб ва кори Комиссияро таъмин намояд;<br>8.2.4. коркарди маълумоти шахсиро мувофиқи қонунгузории ҶТ таъмин намояд. |
| 8.3. **Участник обязан:**<br>8.3.1. ознакомиться с Правилами;<br>8.3.2. использовать карту в соответствии с договором и законодательством;<br>8.3.3. в случае признания Победителем (Дублёром) - явиться в офис, подписать заявление-согласие на раскрытие банковской тайны, персональных данных и размещение информации в СМИ, предоставить документы для поездки и подтвердить соответствие Спутника требованиям п. 5.5. | 8.3. **Иштирокчӣ уҳдадор аст:**<br>8.3.1. бо Қоидаҳо шинос шавад;<br>8.3.2. кортро мувофиқи шартнома ва қонунгузорӣ истифода барад;<br>8.3.3. дар сурати Ғолиб (Дублёр) эътироф шудан - ба идора ҳозир шавад, аризаи розигиро оид ба ошкор кардани сирри бонкӣ, маълумоти шахсӣ ва ВАО имзо кунад, барои сафар ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намояд ва мутобиқати Ҳамроҳро ба б. 5.5 тасдиқ гардонад. |
| **9. ОТВЕТСТВЕННОСТЬ И ОГРАНИЧЕНИЯ** | **9. МАСЪУЛИЯТ ВА МАҲДУДИЯТҲО** |
| 9.1. Банк не отвечает за технические сбои платёжных систем, Google Pay, телекоммуникационных сетей и третьих лиц. | 9.1. Бонк барои нуқсонҳои техникии системаҳои пардохтӣ, Google Pay, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва шахсони сеюм масъулият надорад. |

| | |
|---|---|
| 9.2. Банк не отвечает за невозможность участия по независящим причинам, включая ограничения Google Pay. | 9.2. Бонк барои имконнопазирии иштирок бо сабабҳои новобаста, аз ҷумла маҳдудиятҳои Google Pay масъулият надорад. |
| 9.3. При выявлении искусственного создания условий для кешбэка или суперприза Банк вправе списать кешбэк, аннулировать результат и исключить Участника. | 9.3. Ҳангоми фош шудани эҷоди сунъии шароит барои кешбэк ё суперҷоиза Бонк ҳуқуқ дорад кешбэкро бозпас гардонад, натиҷаро бекор кунад ва Иштирокчиро хориҷ намояд. |
| 9.4. Акция не является лотереей. Кешбэк не является выигрышем. Суперприз предоставляется по объективным показателям использования карты. | 9.4. Иқдом лотерея намебошад. Кешбэк бурд намебошад. Суперҷоиза аз рӯи нишондиҳандаҳои объективии истифодаи корт пешниҳод мегардад. |
| **10. ПОРЯДОК РАЗРЕШЕНИЯ СПОРОВ** | **10. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО** |
| 10.1. Споры разрешаются переговорами. | 10.1. Баҳсҳо тавассути гуфтушунид ҳал мешаванд. |
| 10.2. Претензия - в течение 30 календарных дней. Рассмотрение - 15 рабочих дней. | 10.2. Шикоят - муддати 30 рӯзи тақвимӣ. Баррасӣ - 15 рӯзи корӣ. |
| 10.3. При невозможности - в порядке законодательства РТ. | 10.3. Дар сурати имконнопазирӣ - бо тартиби қонунгузории ҶТ. |
| **11. ПЕРСОНАЛЬНЫЕ ДАННЫЕ** | **11. МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ** |
| 11.1. Участвуя, Участник даёт согласие на обработку персональных данных в целях Акции, кешбэка и определения Победителя. | 11.1. Бо иштирок Иштирокчӣ ба коркарди маълумоти шахсӣ бо мақсади Иқдом, кешбэк ва муайянкунии Ғолиб розигӣ медиҳад. |
| 11.2. Победитель (Дублёр) обязан подписать заявление-согласие на раскрытие банковской тайны, обработку персональных данных и размещение информации в СМИ. Отказ является основанием передачи суперприза Дублёру (п. 5.7). | 11.2. Ғолиб (Дублёр) вазифадор аст, ки аризаи розигиро оид ба ошкор кардани сирри бонкӣ, маълумоти шахсӣ ва ВАО имзо намояд. Дасткашӣ асоси додани суперҷоиза ба Дублёр (б. 5.7) мебошад. |
| **12. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ** | **12. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ** |
| 12.1. Правила вступают в силу с момента утверждения и действуют до окончания Акции, в части расчётов и суперприза - до полного исполнения. | 12.1. Қоидаҳо аз лаҳзаи тасдиқ эътибор пайдо намуда мавриди амал қарор мегиранд ва то анҷоми Иқдом амал мекунанд, дар қисмати ҳисоббаробаркуниҳо ва суперҷоиза - то иҷрои пурра. |
| 12.2. Информация размещается на сайте Банка и в приложении Alif. | 12.2. Маълумот дар сомонаи Бонк ва барномаи Alif ҷойгир мешавад. |
| 12.3. Неурегулированные вопросы - по законодательству РТ. | 12.3. Масъалаҳои танзимнашуда – тибқи қонунгузории ҶТ. |
| 12.4. Банк вправе изменять Правила с уведомлением по п. 8.1.1. | 12.4. Бонк ҳуқуқ дорад, ки бо огоҳкунӣ тибқи б. 8.1.1 Қоидаҳоро тағйир диҳад. |
| 12.5. Правила на таджикском и русском языках. Русский - перевод. При расхождениях **преимущественную силу имеет таджикская версия**. Изменения - на двух языках. | 12.5. Қоидаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. Русӣ - тарҷума. Ҳангоми ихтилоф **нусхаи тоҷикӣ қувваи бартарӣ дорад**. Тағйиротҳо - бо ду забон. |

Приложение № 1 к Правилам/
Замимаи № 1 ба Қоидаҳо

Основные условия получения суперприза/
Шартҳои асосии гирифтани суперҷоиза

Время проведения:/
Муҳлати баргузорӣ:
30 мая - 31 мая 2026 года/
30 май - 31 майи соли 2026
Место проведения:/
Маҳали баргузорӣ:
г. Будапешт/
ш. Будапешт
2 билета на матч / подарок от Mastercard ва UEFA/
2 чипта ба бозӣ / тухфа аз Mastercard ва UEFA
Перелет и визы не включены в пакет суперприза/
Парвоз ва раводидҳо ба бастаи суперҷоиза дохил нашудаанд.

| До 29 мая 2026 года / То 29 майи соли 2026 | 10–20 мая 2026 года / 10–20 майи соли 2026 | Пятница 29 мая / Ҷумъа 29 май | Суббота 30 мая / Шанбе 30 май | Воскресенье 31 мая / Якшанбе 31 май |
|---|---|---|---|---|
| Победитель (Дублёр) должны получить Шенгенскую визу, если ее у них нет / Ғолиб (Дублёр) бояд раводиди Шенгенро дастрас намояд, агар онро надошта бошанд | Получение ваучеров для поездки / Гирифтани ваучерҳо барои сафар | Прилет в Будапешт / Парвоз ба Будапешт | Завтрак в отеле / Наҳорӣ дар меҳмонхона | Завтрак в отеле / Наҳорӣ дар меҳмонхона |
| | | Индивидуальный трансфер из аэропорта в отель / Трансфери шахсӣ аз фурудгоҳ ба меҳмонхона | Свободное время / Вақти озод | Трансфер из отеля в аэропорт / Трансфер аз меҳмонхона ба фурудгоҳ |
| | | Встреча с MasterCard Hospitality Team / Мулоқот бо MasterCard Hospitality Team | Групповой трансфер на стадион для просмотра финала и обратно в отель / Трансфери гурӯҳӣ ба варзишгоҳ барои тамошои финал ва бозгашт ба меҳмонхона | Вылет из Будапешта / Парвоз аз Будапешт |